**ХУЛОСАИ**
**шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи диссертатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
26-уми майи соли 2026, №125

Барои сазовор донистани Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 24 феврали соли 2026, суратмаҷлиси №109 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд 13-уми октябри соли 1996 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2018 Донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси ҳуқуқшинос хатм намудааст.

Аз 01 сентябри соли 2019 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ оғоз намуда, то ҳол фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2019, №303-05 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи номзадӣ «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ Донишгоҳи миллии Тоҷикистон зери роҳбарии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт (суратҷаласаи №4 аз 30-юми ноябри соли 2022) тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимуми номзадӣ санаи 27-уми ноябри соли 2025, №105 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ» дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 24 январи соли 2026, №6 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** Раҷабзода Маҳмадёр Носир – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт.

**Муқарризони расмӣ:** Меликов Умриљло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Рустамзода Фируз Рустам – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедари ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон». (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Раупова М.Т. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон (ихтисос: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ Олимзода Д.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон Мирзоев П.И., имзо ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. санаи 22 апрели соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд доир ба мавзуи диссертатсия 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр намудааст, ки онҳо мазмуну муҳтавои таҳқиқотро инъикос мекунанд. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[1-М].** Ғаюров, Ш.К., Қодиров, Н.А., Одинаев, У.С. Ҳуқуқи нарм [Матн] / Ш.К. Ғаюров, Н.А. Қодиров, У.С. Одинаев // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2021. – №3 (35). – С. 22-28; ISSN 2307-5198.

**[2-М].** Одинаев, У.С. Масоили қобилияти ҳуқуқдории шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ [Матн] / У.С. Одинаев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2024. – №4 (36). – С. 190-195; ISSN 2414-9217.

**[3-М].** Одинаев, У.С., Раҷабзода, М.Н. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва масоили вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ [Матн] / У.С. Одинаев, М.Н. Раҷабзода // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4 (56). – С. 176-180; ISSN 2410-2903.

**[4-М].** Одинаев, У.С. Вазъи маданӣ-мурофиавии шахси воқеии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / У.С. Одинаев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1 (37). – С. 245-252; ISSN 2414-9217.

**[5-М].** Одинаев, У.С. Масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии бастан ва бекор кардани ақди никоҳ [Матн] / У.С. Одинаев // Қонунгузорӣ. – 2025. – №3 (59). – С. 81-88; ISSN 2410-2903.

**[6-М].** Одиназода, У.С. Масъалаҳои коллизионӣ-ҳуқуқии иштироки шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ [Матн] / У.С. Одиназода //

Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №4 (40). – С. 128-137; ISSN 2414-9217.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[7-М].** Одинаев, У.С. Механизмҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи инсон (дар мисоли фаъолияти ЮНЕСКО) [Матн] / У.С. Одинаев // Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи ҳуқуқи инсон) / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 387-391.

**[8-М].** Одинаев, У.С. Баъзе масъалаҳои бастан ва бекор кардани акди никоҳ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ [Матн] / У.С. Одинаев // Маҷмуи маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули Қатъномаи маҷмааи умумии СММ «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва иноватсия» (24-уми октиябри соли 2025, ш. Душанбе) / Муҳаррирони масъул Мирзозода П.З., Давлатмандзода Э.Д. – Душанбе, 2025. – С. 156-164.

**[9-М].** Саломов, И.И., Одиназода, У.С. Баъзе мушкилоти танзими масъалаи бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои хусусии фаромиллӣ [Матн] / И.И. Саломов, У.С. Одиназода // Маҷмуи маводҳои конференсияи байналмилалии илмию назариявии бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» (5-уми декабри соли 2025, ДМТ). – Душанбе: Моҳи Мунир, 2025. – С. 392-403.

**III. Воситаҳои таълимӣ:**

**[10-М].** Ҳуқуқи байналмилалӣ (қисми умумӣ) [Матн]: воситаи таълимӣ / Муаллифи боби IV: Сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (Одинаев У.С. дар ҳаммуаллифӣ бо Раҷабзода М.Н.) / Муҳаррири масъул Қодиров Н.А., Қодирқулов Х.Р. – Душанбе: Ардашер, 2023. – 320 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– Қурбонализода Н.Ш. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Роҳбари дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе;

– Бобозода Ҷ.Қ. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

– Мансури Ш.Ҷ. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, муовини сардори раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Сидиқов Д.А. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Мисол, дар автореферат муаллиф меъёрҳои асосии коллизионии меросро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври умумӣ тавсиф намудааст. Дар матни автореферат танҳо мазмуни меъёрҳои қонунгузорӣ оварда шуда, бартарӣ, мушкилоти амалии татбиқ ё масъалаҳои баҳсталаби танзими коллизионии мерос мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд. Аз муаллиф пурсида мешавад, ки ҳангоми ҳимоя ба масъалаҳои зикршуда андешаи худро баён менамуд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** ҳалли масъалаҳои коллизионии муайянсозии мақоми шахсии шахси воқеӣ дар ҳолате, ки агар шахс дорои якчанд шаҳрвандӣ бошад мушкил мегардад, зеро дар чунин ҳолат пайвастӣ ба қонуни шаҳрвандӣ метавонад самаранок набошад. Дар ин маврид меъёри коллизионии «робитаи бештардошта» истифода мешавад, ки он имкон медиҳад ҳуқуқи давлате татбиқ шавад, ки муносибатҳои ҳуқуқии бо он алоқаи зич доранд;

– **пешниҳод шудааст:** мазмуни қонуни шахсии шахси воқеиро унсурҳои он ташкил медиҳад, асос ва шакли пайваста, шахсият ва хусусияти «шахсӣ», моҳияти ин муносибатҳо, робитаи шахс бо давлати муайян, ки дар шакли меъёри коллизонӣ ифода мегарданд. Дар баробари ин, ин унсурҳо ба таври меъёрӣ – дар шакли қоидаи мустақили меъёри коллизионӣ, ки ба тартиби ҳуқуқии салоҳиятдор ишора мекунанд, ифода карда шаванд;

– **исбот шудааст:** дар таҳқиқоти илмӣ манбаҳои таърихӣ ва ташаккули масъалаи танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ, мафҳуми воқеӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунии шахсони воқеӣ, қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, танзими бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои хусусии фаромиллӣ, танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои меросӣ ва вазъи маданӣ-мурофиавии ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ исбот шудааст;

– **ҷори намудани:** масъалаҳои вобаста ба навъҳои мерос, шахсоне, ки ба мерос ҳуқуқ доранд ва онҳо ҳуқуқи меросиро амалӣ менамоянд, тибқи қонуни кишвари интихобшуда ҳал карда мешаванд. Мерос аз рӯйи усули мероси универсалӣ тибқи қонунгузории тамоми давлатҳо аз меросгузор ба ворисон мегузарад. Ворисҳо шахсони асосӣ мебошанд, ки аз лаҳзаи кушода шудани мерос ба онҳо ҳуқуқи мерос дода мешавад. Бо вуҷуди ин, як қатор омилҳое мавҷуданд, ки метавонанд ҳам ба таснифи ворисон ва ҳам вазъи ҳуқуқии онҳо таъсир расонанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:** натиҷаҳои таҳқиқот барои аз нав баррасӣ намудани мушкилоти ҳалталаб ва дурнамои танзими ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ мусоидат менамояд. Хулосаҳои назариявӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқот ба даст оварда шудаанд, метавонанд дар коркарди минбаъдаи назариявӣ ва амалии масъалаҳои вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ истифода гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонад барои мукаммалгардонии қонунгузории маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, оилавӣ, соҳибкорӣ ва таҷрибаи судӣ истифода бурда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳамаҷонибаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ вобаста ба вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ,

натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳои манзуршуда, инчунин, дар таҳқиқот усулҳои илмии диалектикӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили низомнок, мантиқӣ, таърихи-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ самаранок истифода шудаанд асос меёбад;

– **баён шудани:** мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «мақоми ҳуқуқӣ» як мазмунро ифода карда, илова бар ин, дар қонун ин мафҳумҳо ҳамдигарро истисно намекунанд, балки ҳамдигарро пурра месозанд. Вазъи ҳуқуқӣ барои тавсифи вазъи воқеию ҳуқуқии шахс дар низомҳои ҳуқуқи давлати қабулкунанда дар маҷмуъ истифода мешавад. Бо ҳадафмандӣ аз таҳқиқоти мазкур муаллиф ҷонибдорӣ он муҳаққиқоне мебошад, ки мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқӣ» ва «вазъи ҳуқуқи» -ро ҳаммаъно медонад;

– **ошкор гардидани:** густариш додани муҳтавои қобилияти ҳуқукдории маданӣ ҳам дар соҳаи амволӣ ва ҳам ҳуқуқҳои ғайримолумулкии шахсӣ бағоят фазои ҳуқуқиро васеъ намудааст. Аммо таҳлили муқоисавии гузаронидаи муаллиф, имкон додааст, ки баъзе коллизияҳо ошкор карда шавнд, чунки танзими ҳуқуқии онҳо бомуваффақият дар Кодекси граждании шуравӣ муқаррар шуда буд;

– **омухта шуданд:** пайдоиш, ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории миллии Тоҷикистон, танзими вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ ва танзими муносибатҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамавақт афзалиятнок буданд. Таҳлили динамикаи рушди қонунгузорӣ ва танзими вазъи ҳуқуқии шахсонӣ воқеи дар муносибатҳои коллизионӣ аз мураккабӣ ва гуногунии мушкилотҳо дар танзим вазъи ҳуқукии шахсони воқеӣ дар қонунгузории амалкунанда гувоҳӣ менамояд. Вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ дар баробари институти байнисоҳавӣ будан, бо як қатор ҷанбаҳои байналмилалӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои байнидавлатӣ алоқамандии зич дорад;

– **аз нав такмил додани:** меъёрҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои фаромиллии оилавӣ бо унсури хориҷӣ, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки шахсони воқеӣ, Қоидаҳои мушаххас оид ба амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд ва дигар санаҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ инчунин, мутобиқсозии онҳо ба талаботи шаротити муосир, такмили қоидаҳои интихоби ҳуқуқи татбиқшаванда ва таҳкими таҷрибаи судӣ дар ҳалли баҳсҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чуҳин тасдиқ карда мешаванд, ки** натиҷаҳои таҳқиқот метавонад дар раванди такмили қонунгузории маданӣ, қонунгузории оилавӣ, қонунгузории меҳнатӣ ва қонунгузоди мурофиавӣ дар самти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо унсури хориҷӣ, пешбурди фаъолияти мақомотои ҳуқуқтатбиққунанда дар раванди танзими муносибатои хусусӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ба таври васеъ истифода гардад.

**– муайян карда шуданд, ки** қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиққуниро таҳлилу баррасӣ намуда, рисолаҳои илмии як қатор олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал гардонидани рисолаи илмии худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд. Ҳамзамон муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ ба омма пешкаш намудааст. Хулосаю пешниҳод ва тавсияҳо бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок шудаанд.

– **офарида шуд:** мазмуни меъёрҳои моддаи 177 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонтанҳо ба падидаи қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ дар муносибатҳои оилавӣ тааллуқ дорад, зеро падидаи қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ на маҳдуд, балки татбиқи ҳуқуқи хориҷиро манъ менамояд. Бо чунин назардошт моддаи 177 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Қайду шарт дар бораи тартиботи оммавӣ дар муносибатҳои оилавӣ» номгузорӣ кардан мувофиқи мақсад мебошад.

– **муаррифӣ карда шуд:** вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз низоми ҳуқуқие, ки давлат барои онҳо муқаррар намудааст, аз вақти будубош дар қаламрави давлат, аз мақсади ворид шудан ва ғайра вобаста аст, зеро дар аксари кишварҳои ҷаҳон шаҳрвандони хориҷӣ таҳти речаи миллӣ қарор мегиранд. Қобилияти ҳуқуқдорӣ ва амалкунӣ воситаи муайян кардани доираи субъектхои ҳуқуқи маданӣ буда, барои муайян намудани доираи имкониятхои субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ асос мебошад. Қобилияти соҳибҳуқуқӣ маънои онро дорад, ки шахс дорои ҳуқуқ ва уҳдадориҳо буда, метавонад ҳуқуқҳои худро дар амал истифоба барад. Қобилияти амалкунӣ ба маънои аслии худ танҳо ба шаҳрвандони давлат ҳамчун субъекти ҳуқуқи маданӣ тааллуқ дорад. Қобилияти амалкунӣ сифате мебошад, ки бо қобилияти равонӣ ва ҳолати равонии шахс алоқаманд аст. Шартҳои қобилияти амалкунӣ дар якҷоягӣ бо қобилиятҳои равонӣ ва ҳолати равонии шахс ифода меёбад. Аммо, омили ҳалкунанда иродаи шахс мебошад.

– **баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ, аввалин таҳқиқоти мукаммал оид ба танзими ҳуқуқии вазъи шахсони воқеӣ дар муносибатҳои ҷамъиятии дорои унсури хориҷӣ мебошад. Муаллиф қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳида ва амалияи ҳуқуқтатбиққуниро таҳлилу баррасӣ намуда, рисолаҳои илмии як қатор олимони ватаниву хориҷиро ҷиҳати мукаммал гардонидани рисолаи илмии худ мавриди истифода қарор додааст, ки ин ҳама эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро инъикос менамоянд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** бо дарназардошти дар таҳрири нав таҳия ва қабул гардидани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Номи «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои оилавӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» дар Фасли VIII Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикитон ба номи «Истифодаи қонунҳои оила дар муносибатҳои фаромиллии оилавӣ» иваз карда шавад, зеро муқаррароти моддаҳои ин фасл танзимгарии на танҳо вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, балки вазъи ҳуқуқии оилавии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 167-169), падидаи муқаррар кардани мазмуни меъёрҳои ҳуқуқи оилавии хориҷӣ (м.176), тартиботи оммавӣ (м.177) мебошад.

– **ғоя асоснок шудааст:** масоили танзими коллизионӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ муаллиф ба таҳлили қонуни шахсии шахсони воқеӣ дар муносибатҳо бо унсури хориҷӣ ва масъалаҳои танзими бедарак ғоибшуда ва вафоткарда эълон намудани шахси воқеӣ дар муносибатҳои дорои унсури хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Имрӯз, дар кишвари мо, қонуни шахсии мазкур чун пайвасти умумии коллизионӣ барои муайян кардани қобилияти ҳуқуқӣ ва амалкунии шахси воқеӣ истифода гардид, ки дар амалияи ҲБХ ба таври умум қабул шудааст..

– **муайян шудаанд:** танзими муносибатҳои меҳнатӣ бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд:

1. Муқаррароти Кодекси мазкур ва санадҳои дигари қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба муносибатҳо бо иштироки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар асосҳои умумӣ татбиқ мегарданд, агар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон қоидаҳои дигареро пешбинӣ накунанд;

2. Қоидаҳои мушаххас оид ба амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

– **истифода карда шуданд:** дар муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии мадании шахсони воқеӣ чун субъекти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таъсири муқаррароти санадҳои ҳуқуқи байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикстон онҳоро эътироф намудааст ва онҳо қисми таркибии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, назаррас мебошад. Ҷаҳонишавии босуръати ҳаёти ҷамъиятӣ ва афзоиши равандҳои муҳоҷират боиси густариши муносибатҳои ҷамъятӣ бо унсури хориҷӣ ва тағйирёбӣ дар тартиби муайян намудани вазъи ҳуқуқии шахсони воқеӣ гардид. Тавре қонунгузории муосир нишон медиҳад, татбиқнамоӣ ва пайваст ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ (lex patriae) ва маҳали истиқомат (lex domicilii) истифода шудаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 26 майи соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Одиназода Убайдуллоҳ Саймаҳмуд дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 14 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқукшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

26-уми майи соли 2026